# Тақриз

**ба диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 –Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Раҳматов Умед Раҷабович соли 2007 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Аз соли 2014-то 2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва қарз, аз соли 2021 то инҷониб муаллими калони кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият намуда, аз соли 2016 унвонҷӯи кафедраи молия ва қарзи донишгоҳи мазкур мебошад.

Раҳматов Умед Раҷабович аз солҳои аввали корӣ ба раванди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедра ҳамроҳ гардида, дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори илмӣ таҳқиқотӣ бурда, имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадиро бомуваффақият супоридааст.

Дар кори диссертатсионӣ аз тарафи унвонҷӯ як қатор масъалаҳои мушаххаси назариявӣ, усулӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба ташкили низом ва баландбардории таъмини сармоягузориҳои рушди корхонаҳо ва хоҷагиҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар раванди таҳияи диссертатсия корҳои назарраси илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронида шуда, маводҳои дар мавзуи мавриди таҳқиқот қарордодашуда ба низом даровarда шуданд. Хусусияти муқаррароти илмӣ, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар рисолаи илмӣ пешниҳодшуда аз он иборат аст, ки онҳо дар заминаи омӯзиш ва ба низом даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии олимони пешбари ватанӣ ва хориҷӣ оид ба такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ вилояти Хатлон асос ёфтаанд.

Унвонҷӯ эродҳои роҳбари илмӣ ва муқarrизонро қобили қабул шуморида, дар ислоҳи онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ин аз масъулияти

баланд ва серталабии зиёди унвонҷӯ нисбат ба худ ва иҷроиши мақсаду вазифаҳои дар рисолаи илмӣ гузошташуда гувоҳӣ медиҳад.Раҳматов Умед Раҷабович шахси қобилияти хуби зеҳнӣ дошта, оид ба мавзуҳои мубрами иқтисодӣ, дуруст масъалагузорӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ карда, хулосаву тавсияҳои судманд бароварда метавонад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақиман аз тарафи муаллиф сурат гирифтааст. Муқарраароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст. Дар мавзуи таҳқиқотӣ таҳлили вазъи механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон, самтҳои такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо ва дурнамои он дар вилояти Хатлон муайян карда шудааст. Таҳияҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Таҳлили лоиҳаҳои инвеститсионӣ», «Асосҳои молия » ва «Молия, муомилоти пул ва қарз» истифода бурда шуданд.

Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта, дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2016-2022 баррасӣ гардидаанд. Муқарраароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалии илмию амалӣ низ қироат ва мавриди қабул гардиданд.

Муқарраароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 24 корҳои илмии муаллиф дарҷ гардидаанд, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйихати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 185 саҳифаи компютерӣ чоп карда шуда, дорои 24 ҷадвал ва 2 расм аз 9 диаграмма мебошад.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Раҳматов Умед Раҷабович кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, муаллиф дорои сифатҳои кофии касбӣ буда, метавонад аз руйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ мустақилона масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузаронида, онҳоро ҳаллу фасл намояд.

Рисолаи илмии Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 –Молия, муомилоти пулӣ ва қарз омода гардидааст.

Рисолаи илмии Раҳматов Умед Раҷабович аз рӯйи сохтор, мундариҷа ва сифати иҷрои кор ба меъёрҳои илмӣ ва тахассусӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, кори мазкурро ба зинаҳои навбатии муҳокима (баъдан барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии шомили мавзуи таҳқиқотӣ) пешниҳод намудан мумкин аст.

**Роҳбари илмӣ:**
д.и.и., профессор, ректори
Донишгоҳи славянии Руссия-Тоҷикистон Файзулло М.Қ.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30.
**Тел:** 900068866. E-mail: mashrab@mail.ru

**Имзои профессор М.Қ. Файзуллоро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи славянии Руссия- Тоҷикистон** **Раҳимов А.А.**
«24» 09